## Иктибос аз протоколи №3

**шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ**

**аз 29.10.2022** **ш. Хуҷанд**

**Иштирок доштанд:**

Тоҷибоев Ш.А. - декани факултет, раиси шӯро
Санавваров Ғ.Б. - мудири кафедра, аъзо
Ахмедов Н.И. - мудири кафедра, аъзо
Солиев И.М.- мудири кафедра, аъзо
Обидов Д.С. – мудири кафедра, аъзо
Самадов Б.О. - мудири кафедра, аъзо
Бобоев А.Х. – мудири кафедра, аъзо
Атаев А. – муовини декан оид ба таълим, аъзо
Қобилов Б.Қ. - муовини декан оид ба корҳои тарбия, аъзо
Қаҳоров Н.М.– муовини декан оид ба илм, аъзо
Ҳомидова М.Ф. – раиси ШИМФ, аъзо
Юсупова М. - сарэдвайзери факултет
Рофиева А.Ҳ. - эдвайзери шӯъбаи рӯзонаи факултет, аъзо
Хоҷаев Д. – раиси созмони ҷавонони факултет
Холиқов И. – саркуратори факултет
Сайдуллоев А.А. – раиси иттифоқи касабаи факултет
Кабирзода Г.Қ. – раиси шӯрои бонувон, аъзо ва котиби шӯро

**4. Масъалаҳои ҷорӣ**

**4.1. Оид ба масъалаи муҳокима ва тасдиқ намудани рисолаи диссертатсионии унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ, Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш.**

**Шунида шуд: декани факултети ҳуқуқшиноси н.и.х., дотсент Тоҷибоев Ш.А. – раиси Шӯрои олимони факултет.**

Раисикунанда ба унвони Шӯрои олимони факултет муҳокима ва тасдиқ намудани рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ Рофиева Азиза Ҳамдамовнаро дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш. аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани̇, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди муҳокима қарор дод.

Мавриди зикр аст, ки мавзӯи рисолаи номзадӣ, ки ба масъалаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинзод Дониёр Шомаҳмад ба роҳ монда шудааст. Чунин мешуморем, ки мавзӯи таҳияшудаи рисолаи номзадӣ асоснок ва мутобиқ ба моҳияти он мебошад.

**Шунида шуд: Самадов Б.О. – н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ.**

Муҳтарам аъзоёни Шӯрои олимони факултет ва устодони гиромӣ, фикру андешаҳои худро нисбати пеш бурдани рисолаи номзадии муаллими калони кафедра Рофиева А.Ҳ. дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин иброз менамоям. Унвонҷӯ Рофиева А.Ҳ. пас аз интихоб ва тасдиқ намудани мавзуи мазкур корҳои илмӣ – таҳқиқотии худро мунтазам пеш бурдааст. Дар тули омоданамоии рисолаи диссертатсионӣ мақолаҳои илмиро дар сатҳи донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва тибқи талаботи КОА ҶТ аз нашр баровардааст. Дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияву семинарҳо бо масъалаҳои мубрам дар доираи таҳқиқоти мазкур иштирок намуда, соҳиби натиҷаҳои хуб гардидааст.

**Шунида шуд: Мавлонназаров О.А. н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии ДМТ, н.и.х., муаллими калон Очилова Ф.А.**

Ҳамчун муқарризон ба рисолаи диссертатсионӣ, бо мазмуну моҳият, аҳамият ва мубрамияти мавзуъ шинос гардида, қайд менамоем, ки рисола тибқи талаботи КОА ҶТ ва дастуру супориши роҳбари илмӣ, д.и.х., профессор Сангинзод Д.Ш., кафедраи тахассусмандӣ омода карда шудааст. Аз руи сохтор ва мундариҷаи мавзуи таҳқиқотӣ пурра ба ихтисоси интихобнамуда ҷавобгӯй мебошад.

**Шунида шуд: Рофиева А.Ҳ.**

Мавзӯи интихобнамудаи ман дар замони муосир мубрам буда, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ ва аҳамияти амалӣ дошта, аз рӯи ихтисоси

12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, таҳти роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сангинзод Дониёр Шомаҳмад ичро карда шудааст.

Мувофиқи талаботи амалкунанда ва санадҳои меъёрии КОА ҶТ рисолаи диссертатсионӣ доир ба масъалаҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз адабиёти ҳуқуқшиносӣ, таҳлили қонунгузории амалкунанда ва амалияи кишварҳои хориҷа таҳқиқоти худро ҷамъбаст намудаам. Мақолаҳои илмӣ, маърузаҳои илмӣ дар конференсияву семинарҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ доир ба масъалаҳои таҳқиқотӣ аз нашр баровардаам.

Баъди шунидани фикру андешаҳои аъзоёни Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ рисолаи номзадии Рофиева А.Ҳ.;-

**қарор карда шуд:**

1. Ахбороти раиси Шӯрои олимони факултет, декани факултети ҳуқуқшиносӣ н.и.ҳ., дотсент Тоҷибоев Ш.А. ба инобат гирифта шавад.
2. Рисолаи диссертатсионии унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ, Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳти роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш. тасдиқ карда шавад.
3. Нусха аз қарори мазкур бо ҳуҷҷатҳои замимагардида барои муҳокима ва тасдиқ ба Шӯрои олимони донишгоҳ пешниҳод карда шавад.

**Раиси шӯро** **Тоҷибоев Ш.А.**

**Котиби шӯро** **Кабирзода Г.Қ.**

Имзои декани факултет, н.и.ҳ., дотсент Тоҷибоев Ш.А.
ва котиби Шӯрои олимони факултет Кабирзода Г.Қ.-ро
тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпочоев И.Х.